**Такриз ба таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи "Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Дар Тоҷикистони азизи мо дар давраи соҳибистиқлолӣ ба ҳаёту фаъолияти эҷодии нависандаи шинохтаи тоҷик Сорбон таваҷҷуҳи хосса зоҳир гашта, осори арзишманди ӯ аз ҷониби муҳаққиқону ҳаводорони насри муосири тоҷик ба риштаи таҳриру таҳқиқ кашида шудааст.

Муаллифи диссертатсия Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна бо роҳбарии адабиётшиноси маъруфи имрӯза Набиев Абдухолиқ, ки дар муаррифии сурату сирати шоирону нависандагони мо саҳми арзанда дорад, бо истифода аз тамоми сарчашмаҳои илмиву адабӣ рисолаи ҷамъбастиеро дар таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеии насри Сорбон пешкаш намудаанд, ки ҳақиқатан, лоиқи сипосу қадрдониҳои фаровон аст. Ҳарчанд паҳлӯҳои зиёди осори Сорбон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта бошанд ҳам, ин таълифот мавқеъ ва мақоми нависандаро дар таърихи адабиёти муосири тоҷик мушаххасу муайян намуда, ба қавли муаллиф ин «диссертатсия аввалин пажуҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти мухтассот ва вежагиҳои осори Сорбон дар даврони истиқлол аст».

Диссертатсия асосан ба муайян кардани маҳорати бадеӣ дар мероси насрии намояндаи барҷастаи адабиёти муосири тоҷик Сорбон бахшида шуда, дар он махсусан асолати бадеии осори насрии ӯ кушода шуда, доираи мавзуъ ва проблемаҳое баррасӣ шудааст, ки муаллиф дар осори худ ба миён гузоштааст. Меҳвари асосии насри Сорбонро асосан тасвири ҳаёти халқи тоҷик, таърих, анъана ва суннатҳои онҳо ташкил дода, муаллифи диссертатсия муваффақ шудааст, ки дар се бобу нӯҳ зерфасли кор на танҳо бузургиву қаҳрамонии давру замон, балки ихтилофҳо, зиддиятҳои мавҷудияти иҷтимоӣ, ҳаёти ҳамзамон бо печидагиҳои фавқулода ва тазодду мулоҳизаҳои ахлоқии пур аз алам ва ҷустуҷӯҳои маънавӣ, ки нависанда ошкорову пӯшида дар офаридаҳояш тасвир кардааст, равшан намояд.

Ба таҳқиқи муаллифи диссератсия бойгарии насри Сорбон аз он иборат аст, ки дар он тасвири мавзуъҳое чун муҳаббати бепоён ба ватан, эҳсоси ҳасрати ба таҷрибаи гузашта, адолат, инсонпарварӣ, дилсӯзӣ ба ҳар чизе, ки дар атрофамон аст, даъват ба ҳифзи покии маънавӣ, арзишҳои инсонӣ, масъалаҳои ахлоқӣ, мушкилоти ботиниву рӯҳии инсони муосир ва амсоли инҳо бо тамоми нозукӣ ҷой доранд.

Бо вуҷуди ин муваффақиятҳо ба баъзе камбудиҳои кор метавон ишора кард, ки зикри муҳимтарини онҳо ба андешаи инҷониб ба фоидаи фаъолияти илмии минбаъдаи диссертант хоҳад буд:

1. Ба назари мо таҳқиқ дар хусуси вижагиҳои ғоявию ҳунарии тамоми осори мансури Сорбон дар даврони истиқлол ва ғунҷонидани онҳо дар чаҳорчӯби як диссертатсияи номзадӣ тавсифӣ будани корро бар таҳлили илмӣ тарҷеҳ медиҳад.
2. Хуб мешуд агар муаллиф мавзуи мазкурро дар доираи як ё ду асари Сорбон ба риштаи таҳқиқ мекашид, то ки дар ин доира мавзуъ, масъала (проблематика), ғоя, тарҳу такиббандӣ, системаи тасвирҳои бадеӣ, хусусиятҳои бадеӣ, мавқеи асар дар эҷодиёти нависанда, мақоми асар дар таърихи ҷараёни адабӣ ва дигар масъалаҳое, ки фарогири ғоя ва бадеияти ҳар асари бадеӣ мебошанд, ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро меёфтанд.

Албатта, ин чанд нуктаи баҳснок хусусияти тавсиявӣ дошта, арзишу аҳаммияти илмиву амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, таҳқиқоти **Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи “Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон”** ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик дониста шавад.

**Доктори илми филология,**
**директори Институти илмҳои**
**гуманитарии ба номи академик**
**Б.Искандарови АМИТ** **Қаландариён Ҳоким Сафар**

«02» сентябри соли 2024

Суроға: 736001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Деҳотӣ 80, х.23
Тел.: +992 934892626
E-mail: hokim_k@mail.ru

Имзои доктори илми филология Қаландариён Ҳоким Сафарро
тасдиқ мекунам
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИИГ АМИТ** Хоҷаниёз Абдулниёз
«2» сентябри соли 2024
Суроға: 736001, шаҳри Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров, 4
тел: +992 934200969
E-mail: abdulniyoz4@gmail.com